

# Асосҳои технологияи корҳои муқовабандии дастӣ ва таъмиру тармими китобу ҳуҷҷатҳо

**(маводи ёрирасон барои кормандони китобхонаҳои давлатӣ – оммавӣ) бахшида ба 85-солагии Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**Маркази такмили ихтисос**

**Ба пешвози 85-солагии таъсисёбии Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

# Асосҳои технологияи корҳои муқовабандии дастӣ ва таъмиру тармими китобу ҳуҷҷатҳо

## Дастури услубӣ (методӣ) барои китобдорон

Зери назари доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Абдусалом Мирализода**

**ДУШАНБЕ,**
**«МЕҲРОҶ-ГРАФ»,**
**2018**

УДК 025.7 (575.3)
ББК 78.36 (2 тоҷик)
А- 83

Мураттиб
**Маҳмадшариф Каримов**

Муаллифи пешгуфтор
**Фирдавс Аминов**

Муҳаррир **Ҳайдаралӣ Аюбов**

Асосҳои технологияи корҳои муқовабандии дастӣ ва таъмиру тармими китобу ҳуҷҷатҳо: Дастури услубӣ барои китобдорон бахшида ба 85-солагии таъсисёбии Китобхонаи миллии Тоҷикистон / Зери назари доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдусалом Мирализода; Мураттиб: М. Каримов, Муаллифи пешгуфтор Ф. Аминов; Муҳаррир: Ҳ . Аюбов. – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2018. – с.

**© Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2018.**

**Китоб як рукни муҳими тамаддуни башарӣ ва ҷузъи ҷудонопазири зиндагии инсон аст.**[1]

## ПЕШГУФТОР

Аз рӯзе, ки китоб пайдо шуд, дар ҳаёти маънавии инсон хело нақши бузург бозидааст. Барои қадру қимати баланд доштан ва аз як насл ба насли дигар расондан китоб дар китобхонаҳо нигоҳ дошта мешавад. Захираи китобии китобхонаҳо моликияти давлатӣ ва ё худ ҷаъиятӣ буда, ҳар китоб қатъи назар аз ҳаҷм, мазмуну нарх гаронбаҳост. Аз ҳамин ҷиҳат доду гирифт ва муносибат ба китоб эҳтиёткорию ғамхории хосро аз ҳар корманди китобхонаю хонанда тақозо мекунад. Китоб офаридаи инсон аст ва он барои инсонҳои имрӯзу фардо таҳия мешавад. Онро ҳар яки мо бояд ҳифзу истифода намоем ва тавассути он бо гузаштаю имрӯзи мардуми тоҷик ошно шавему барои ояндагон мерос гузорем, то ки дигарон аз он истифода намоянд.

Дар кишвари мо, хушбахтона имрӯз, нисбати китоб эҳтироми хоса ва муҳаббати баланд доранд. Бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як бинои боҳашамат барои нигоҳдории зиёда аз 10 миллион китоб бо тарҳи наву техникаи замонавӣ сохта ба истифода дода шуд. Ин дастгириҳои Пешвои миллат моро бештар водор месозад, ки барои беҳбуду пешбурди соҳаи китобдорӣ саъю талош намоем.

Мо тасмим гирифтем, ки барои таъмир ва тармими ҳуҷҷатҳои китобхонаҳо як дастуре омада намоем, то кормандони китобхонаҳо бо истифода аз он китобҳои фарсудаю таъмирталабро бо роҳи осон таъмир намоянд,тоинкикитоббарои наслҳои оянда садсолаҳо боқӣ бимонад.

То кунун маълумотнома ё дастурамале, ки тарзи таъмиру тармими китобро бо таври мухтасар тавсиф карда бошад, таҳия нашудааст. Инак, кӯшиши аввалин ба харҷ дода шуд, то барои нигоҳ доштани китоб ва нишон додани роҳи таъмиру тармим дастури ёрирасонеро омода намоем.

Дар ин дастур бо расмҳо тарзу усулҳои дӯхтани муқоваи китоб, барқароркунии варақҳои зарардида, пурра кардани қисмҳои гумшудаи варақҳои китоб ва ширешкунӣ нишон дода

[1] Китоб рукни муҳими тамаддуни башарӣ [Матн]: Маърӯзаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гузоштани хишти аввали бинои нави Китобхонаи миллӣ // Китобдор. – 2008. – №1(3). – Март. – С.2.

шудааст. Инчунин дар дастур унсурҳои китоб ва мавод барои корҳои муқовабандӣ, луғати истиҳлоҳоти русӣ ба тоҷикӣ дарҷ шудааст.

Дастури омоданамудаи мо барои кормандони китобхонаҳои давлатӣ-оммавӣ пешниҳод мегардад. Умедворем дар самти ҳифзу нигаҳдории китоб ба кормандони китобхонаҳо кӯмак мерасонад.

Китоб (калимаи арабӣ “ک تاب” буда, маънояш-навиштаҷоти варақҳои муҷаллад), воситаи интишоргардонӣ ва нигаҳдории иттилоот, идея, образ ва донишҳо мебошад. Дар омори байналхалқӣ мувофиқи тавсияи ЮНЕСКО асари ҳаҷман беш аз 3 ҷузъи чопӣ, яъне аз 48 саҳифаи чопӣ кам набударо шартан китоб гуфтан мумкин аст. Китоб василаи муҳими ахбори оммавӣ, илмӣ ва техникӣ, аслиҳаи пурзӯри паҳнкунӣ ва таблиғи дониш, иттилоот ва тарбия ба шумор меравад.[2]

Мақсади ин дастур баланд бардоштани фарҳанги нигоҳдории китоб ва ҳифзи он бо тарзи таъмиру барқарорсозӣ мебошад. Дар ин дастур мо ба Шумо баъзе аз асбобоҳои муфиде, ки барои барқароркунии китоб лозим аст, нишон медиҳем, ки истифодаи он ногузир аст.

---

[2] Китоб [Матн]: Дар бораи мафҳуми китоб // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1984. – Ҷ. 3. - С. 974 - 982.

### *Китоб ва қисмҳои он*

Китоб дорои як қатор ҷузъиёт, шумора, қисм ва маводи гуногун мебошад (расми №1).




***Расми №1***

Блоки китоб (расми №2) - ин тартиби интихоб ва мустаҳкам кардани варақҳои муқоваи китоб мебошад. Масофа аз боло ба поёни шерози китобро дарозӣ ё баландии блоки китоб меноманд. Аз муқова то ҷойи ҳошиябандӣ паҳноии шероз ва аз варақи пеши дафтари аввал то варақи охири дафтар бастаи ғафс номида мешавад. Алоқаи блок бо сарпӯши муқова истифода аз дастаи саҳифаҳои китоб бо ёрии ду варақ қоғази сахт ва дока, ки ба қисми блоки шероз гузошта мешавад, замима мегардад.




***Расми №2. Блоки китоб***

**1.Муқовабандии дастӣ**

Муқовабандии дастӣ аз як қатор амалиёти пайдарпай иборат аст. Тамоми давраи муқовабандии дастӣ дар раванди нақша пешниҳод карда мешавад.

**Нақшаи технологияи муқовабандии дастии китоб:**

**1. Аз ҳам ҷудо кардани ҷузъҳои китоб:**

- ҷудо кардани блок аз муқова;
- ба дафтарҳо ҷудо кардани блок;
- тоза намудани ҷойи қатшуда;
- муоина кардан ва часпондани варақҳо.

**2. Тайёр кардани блоки китоб:**

- интихоб ва омода намудани форзасҳо- (ду варақи сахтро ки муқоваро бо блоки китоб мечаспонад форзас меноманд);
- дӯхтани блоки китоб.

**3. Коркарди блок пас аз дӯхтан:**

- ширеш кардани муқоваи блок;
- буридани қисматҳои зиёдатии блок (агар лозим бошад);
- додани шакли давра ба ҷойи ҳошиябандии китоб;
- часпонидани тасма (ҷиҳаки пахтагин ё абрешимини бараш то 1см барои блоки китоб истифода бурда мешавад);
- ба шероз часпондани дока;
- хушкондани блок.

**4. Тайёр кардани пӯшаҳо:**

- буридани матоъ ва лабаҳои картони муқова;
- омода намудани рахи қоғази сахти доирашакл дар ҷойи шерозбандии блоки китоб ё картонро наканда ба дарун мечаспонанд;
- омода намудани муқова;
- хушкондани муқова зери фишор (пресс).

**5. Часпондани муқова ба блок**

- гузоштани блок ба дохили муқова;
- зери фишор гузоштани китоби тайёр;
- рах - рахкашӣ ба матои пилтадор;

- бозрасии китобӣ омодашуда.

Ҳар як амали раванди технологиро муфассал дида мебароем.

Дар фонди китобхона маъмулан китобу китобчаҳои муқоваашон ба тарзи сӯрохкунӣ (муқоваашон нафис ё сахт) ва инчунин бо ширеш часпондашуда таъмирталаб мешаванд.

Тарз ва теъдоди амалиёти раванди технологӣ вобаста ба навъи муқоваи нашрия интихоб карда мешавад.

### 1.1. Муқовабандии китоб ба тарзи сӯрохкунӣ:
### Ба ҷузъҳо ҷудо кардани китоб:

Аввал блокро аз муқова ҷудо мекунем, новобаста аз тарзи часпонда шудани он. Одатан дар китоби ба таъмир эҳтиёҷдошта блок аллакай аз муқова дуртар мешавад. Агар чунин нашуда бошад, аввал тарафи ба муқова часпондашудаи форзасро, дар ҷое ки бо дока часпонда шудааст, (нӯки ресмон, тасма) ковок мекунанд. Ин амалро эҳтиёткорона анҷом медиҳанд, то ки варақҳо осеб набинанд. Махсусан муқоваи коғазиро бо эҳтиёт ҷудо кардан лозим аст, зеро онро барои рӯкаши муқова метавон истифода бурд.

Баъд аз он ба ҷудо-ҷудо кардани блок мегузаранд. Барои ин аввал коғазро (докаро) аз шероз ҷудо мекунанд. Бастаро аз охираш ба ҷузъҳо ҷудо кардан осонтар аст. Дафтари охирини блокро аз мобайн кушода риштаро мебуранд, баъд варақи аввали дафтари охирро ёфта, ба тарафи рост қат мекунанд ва бо дасти чап блокро ба муқова наздик дошта, бо дасти рост дафтарро аз блок ҷудо мекунанд. Ин ро бо эҳтиёт анҷом додан лозим аст, то ки варақҳои берунии дафтар осеб набардоранд.

Агар блок бо сим дӯхта шуда бошад, аввал аз тарафи беруни блок нӯки симро рост мекунанд, баъд миёнаи дафтарро кушода, симро берун оварда, дафтарро аз блок ҷудо мекунанд.

Китобчаҳо ва маҷаллаҳои бо сим ва ришта ба дарозии шерози дафтар бо ҳошияи 4-5 мм ба тарзи кӯкҳои алоҳида духташударо ҳам бояд бо эҳтиёт ба ҷузъҳо ҷудо кард, махсусан агар сим занг зада ва коғаз фарсуда шуда бошад. Нӯки симро аввал росту ҳамвор карда, баъд бастаро аз наздикии кӯки симӣ бо ангуштон дошта симро берун мекашанд. Агар кӯкҳои алоҳида риштагӣ бошанд, аввал риштаро бурида, баъд бо ҳамон тартиб дафтарро аз блок ҷудо мекунанд.

Баъд аз он ҳар дафтари блоки ба дафтарҳо ҷудо кард шуда бо корди кунд аз боқимондаҳои ширеш, дока, ришта пок карда мешавад.

Аксаран ба нашрияҳое вомехӯрем, ки блокҳояшон ба тарзи нодӯхта часпонда шудаанд (дафтарҳо буридашуда ва блок аз варақҳои алоҳидаи бо ширеш часпондашуда иборат аст). Чунин блок танҳо дар сурате ба ҷузъҳо ҷудо карда мешавад, ки варақҳояш дарида ва барқароркуниаш ногузир бошад. Ин гуна блокро низ аз охир ба ҷузъҳо ҷудо кардан осонтар аст: бо дасти чап блокро дошта, бо дасти рост эҳтиёткорона варақро аз блок ҷудо мекунанд.

**Тармими варақҳои зарардида.** Тармими варақҳои дарида, тақвияти варақҳои фарсуда ва кӯҳна, ҳошияҳои фарсуда, гузоштани ҳошия ва васла, ҳамвор ва барқарор кардани гӯшаҳои осебдидаи варақ, ва муқова аз ҷумлаи корҳои тармимӣ мебошанд.

**Пайваст кардани ҷойи дарида.** Вараќи даридаи ҳошия, матн, қоғази папирусӣ ва конденсаторӣ ислоҳ карда мешавад. Ин ба таври зерин анҷом дода мешавад. Ба ҷойи дарида шireши сафеди (ПВА) молида, баъд аз якчанд сония ба болои он қоғазеро ба ҳамон шакл бурида мегузорем ва бо асбоби зеҳгарӣ ҳамвор карда, фишор медиҳем, то дуруст часпад.

**Бадошт ва ҳамвор кардани гӯшаҳои қоғаз.** Бар асари истифодаи зиёд гӯшаҳои китоб қат шуда, фарсуда мегарданд. Ҳамвор кардани гӯшаҳои китоб ба ҷузъҳо ҷудо кардани он бо роҳи намнок кардан ва зери фишор қарор додан анҷом дода мешавад. Гӯшаҳоро бо докаи намнок рост карда, варақҳоро бо коғази тунук болои ҳам то хушк шудан зери фишор мегузоранд.

**Барқарорсозии гӯшаҳои варақ.** Дар ин ҳолат масоҳати қоғаз ба андозаи аввалааш оварда мешавад: матн аз рӯи китоби дигар барқарор мегардад.

**Бозсозии қитъаҳои осебдидаи муқова ва барқарор кардани қитъаҳои нобудшудаи варақ**. Қитъҳои нобудшударо бо роҳи васл кардан барқарор менамоянд, ба ин хотир ки нобудшавии қисмати боқимонда пешгирӣ карда шавад. Дар пайваст кардан варақ аксаран рӯ ба рӯ гузошта мешавад. Барои васли қисматҳои нобудшудаи варақ беҳтар аст коғази аз ҷиҳати ғафсӣ, шакл ва ранг ба он монанд истифода шавад. Бояд ҳатман самти дарозиву бари наххои вараќи тармимшаванда ва коғази васлшаванда мувофиқат кунанд.

Ҳангоми тармими варақҳое, ки дар ҳар ду тарафашон матн ҳаст, васла бояд нӯк ба нӯк бошад, то ин ки матн зери он намонад ва ғафсӣ ба вуҷуд наояд.

**Тайёр кардан ва дӯхтани блоки китоб, интихоб ва омода кардани форзас.** Вазифаи асосии форзас - пайванд кардани блоки китоб бо рӯпӯши муқова мебошад. Илова бар ин форзас унсури

ороиши берунии китоб аст. Коғази форзас  бояд сахт ва ба қатшавию намнокӣ тобовар бошад. Форзасро бо ду роҳ ба баста мечаспонанд: бо роҳи дӯхтан ва ширеш кардан.

Тайёр кардани форзаси дӯхташавандаи дорои форзаси таркибӣ барои китобҳои муқоваашон дӯхташаванда пешбинӣ мешавад.

Барои он ду вараqи дарозиаш баробари баландии блок истифода мешавад. Бари варақи сахти дӯхташаванда қисми таркибии кушодани рахи ҳимоя мебошад. Ду варақи сахт барои муқовабандӣ ва дӯхтани китоб муайян шудааст.Ду варақ дар дарозӣ баробари баландии блок; бари варақҳо ва ҳудудашон ба дафтар монанд, ки он бояд 5-6 мм зиёдтар бошад, аз бари блоки дигар варақи ҳаҷмаш хурдтар часпонида шуда, барои гузоштан ба рӯпӯши китоб истифода бурда мешавад. Хати рахи бо матои пахтагин маҳкамшуда  дорои андозаҳои бараш ба 15-20 мм баробари баландии блок аз рӯи андозаи нашр мебошад. Варақи бараш калонро ба тарафи қафои дафтар 3-4 мм ширеш карда ва дар канори блоки пеш қатъ мекунанд. Ҳифзи хати мустаҳкамкунандаро ба пораи варақи дуюми матои муқова ширеш карда, он то 4-5 мм кушода мешавад. Часпондани дафтари аввал бо варақи қоғази сахт ба дафтари дуюм. Афзалияти дӯхтани ду варақ қоғази сахт бо рахи аз матои пахтагини ҳифзи мустаҳкамкунанда дар он аст, ки ин варақи аввали китобро кашида, андозаи ҷойи ҳошияи варақи унвони нашрияҳоро кам намекунад.

**Дӯхтани блоки китоб.** Часпондани дастӣ ва мошинии варақ дар китоб усулҳои зиёд дорад.  Ба тарзи дастӣ бо ришта аксаран дафтарҳо алоҳида-алоҳида дӯхта мешаванд Онро метавон бо ресмон, шероз ва докаҳои муқова анҷом дод, Мо дӯхтанро бо ресмон аз арракунӣ оғоз менамоем.

Пеш аз  аз он, ки ба дӯхтан шурӯъ кунем, мо бояд аввал дар тискаи чӯбин барои ресмон сӯрохи омода  намоем. Дар  шерози дафтар  аз 5 то 7 сӯрох мекунанд. Сӯроххо бояд рӯи сатҳи шерози блок ба таври симметрӣ гузошта шаванд, чунки ин имкон медиҳад китоб дуруст кушода шавад.

Дафтарҳои аввалу охир ва ҳамчунин форзасро арра намекунанд, онҳоро баъд аз сӯрохии дафтарҳои дигар ба блок мегузоранд.




***Расми № 3. Дӯхтани дастӣ бо се ришта***

Блокро аз мангана (тискӣ) ҷудо карда, ба дӯхтан шурӯъ мекунанд. Дӯхтанро аз дафтари охирон сар мекунанд. Сӯзани риштадорро каме болотар аз ҷои қатшавии буриши поёнии шероз халонда, риштаро ба дохили дафтар кашида, нӯкашро 50-60 мм берун мемонанд. Сипас бо сӯзан муқоваи дафтарро сӯрох карда, 2-3 мм ба риштаи аввал нарасида берун мекашанд. Тақрибан ба ҳамин масофа аз тарафи чап сӯзанро боз ба дохили дафтар гузаронанд. Ришта бандро фаро мегирад. Ба ҳамин тартиб кӯкҳо бандҳои дувуму сеюмро фаро мегиранд. Баъд сӯзану риштаро аз тарафи болои китоб гузаронда мекашанд. Дафтари навбатиро гирифта, онро аз байнаш мекушоянду сафҳаҳои охирро ба тарафи пойин гардонда, ба рӯи дафтари дӯхташуда мегузоранд. Сӯзани риштадорро аз буриши болоии даруни дафтар ба воситаи сӯрохи наздиктарин ба берун мебароранд. Бо ҳамин сӯрох аз паси банд боз сӯзанро ба даруни дафтар мегузаронанд. Бандҳои боқимондаро ба ҳамин тартиб дӯхтаву риштаро ба берун бароварда, варақҳои дафтари дӯхтаро ба дафтарҳои қаблан дӯхташуда гузошта, риштаро кашида бо нӯки риштаи дафтари аввал гиреҳ мекунанд. Ба ҳамин тартиб дафтари сеюмро низ медӯзанд. Риштаи ба берун бароварда шударо баъд аз кашидан аз байни дафтарҳои дӯхташудаи якуму дувум мегузаронанд ва бо он ҳалқаҳои риштаҳоеро, ки дафтарҳоро ба ҳам овардааст, фаро гирифта, онро таранг мекашанд. Ин гуна гиреҳи дубора

дафтарҳои дар қисматҳои болоиву поёнии блок бударо сахт маҳкам мекунад. Дафтари охиронро монанди дафтари аввал медӯзанд, танҳо бо ин фарқ, ки сӯрох дар қисмати поёнии он карда мешавад, то ба лӯлаи форзас осеб нарасад.

## Коркарди блок баъди дӯхтан

Ҳадафи коркарди блок  шакл додан ба китоб, мустаҳкаму рост кардани шероз мебошад. Он амалҳои зеринро дар бар мегирад: часпондани шероз, давра ва ширеш кардани  тасма, ширеш кардани дока.  Он амалиёти ширеш кардани ҷойи шерозбандӣ, ба шакли даврадорорӣ, тасма ва ширеш намудани докаро дар бар мегирад.

***Часпондани шероз.*** Шерози блок ба хотири пасу пеш нашудани дафтарҳо  ва мустаҳкам гардидани он ширеш карда мешавад.  Блоки дӯхташудаи дафтарҳоро зери фишор гузошта, шерозро 5-8 мм берун меоранду  ширеш (ПВА)-ро чунон мемоланд, ки ба бандҳо нарасад. Пас аз хушк шудани ширеш блоки рӯи китобро метавон бурид.

***Ба шакли гирд омоданамоии муқова.*** Муқоваи блокҳои ғафсиашон зиёда аз 30 мм-ро  гирд кардан лозим аст. (Расми №4).

Гирд кардан барои кам намудани ғафсии блок дар муқова ва нигоҳ доштани шакли дурусти китоб анҷом дода мешавад. Ин кор дар ҳолате анҷом дода мешавад, ки ширеш ҳанӯз пурра хушк нашудааст. Агар ширеш зиёд хушк шуда бошад, пас онро бо латтаи намнок каме тар кардан лозим аст. Блокро болои миз гузошта, ҷойи шероздорашро аз тарафи худ оҳиста бо болға ба ҷойи қатшудаи китоб зарба задан лозим аст, он шакли нимдоираро мегирад. Пас  ин амал  навбат ба навбат аз як ё тарафи дигари блоки китоб анҷом дода мешавад. Блокро рӯи миз чунон мегузоред, ки шерозаш тарафи худатон қарор гирад, пас бо болға ба ҷои қати дафтар мекӯбед, то шерозаи дафтар шакли давраро гирад. Ин амалро аз пушту рӯи блок ба навбат анҷом медиҳанд.



*Расми №4. Ба шакли давра даровардани шерози китоб*

Часпондани тасма- ҷиҳаки пахтагин ё абрешимин (каптал) ба мақсадҳои эстетикӣ анҷом дода мешавад. Дар айни замон он қисматҳои мақтаи шерозро дар сатҳи болоиву поёнӣ бастаро нигоҳ медорад. Навори тасмаро баробари андозаи бари шерози блок, яъне ба масофаи аз дафтари аввал то дафтари охири блоки давракардашуда 1 мм гузошта мебуранд ва мақтаъҳои шерозро ба андозаи 1,5-2 см ширеши ғафс молида, навори тасмаро ба он чунон мечаспонанд, ки ба рӯи бурмш расад.

*Расми №5. Часпондани тасма (ҷиҳаки пахтагин ё абрешимин)*

Часпондани дока ба хотири мустаҳкам кардани шероз аст. Докаро ба андозаи бари шероз бо изофаи порчаҳои банд мебуранд. Дарозии дока бояд аз шероз 10-15 мм кӯтоҳтар бошад. Аввал бояд ба форзас бандҳоро часпонд ва баъд докаро.

***Омода* намудани *муқова***

Муқова бастаро аз осеб эмин дошта, як ҷузъи ороиши берунии асари чопӣ ба ҳисоб меравад. Он бо баста тавассути маводи шерозбандӣ ва форзас пайваст мешавад.

Муқова аз рӯи сохт ба пӯшаи пурра ва таркибӣ тақсим мешавад. Тайёр кардани пӯшаи муқоваи таркибиро дида мебароем.

Муқоваи таркибӣ (расми 6) ду рӯяи картонӣ (1), астар (2), шерози матоӣ (3) ва матои рӯкаши (4) часпондашуда дорад. Фосилаи байни астар ҷудошавӣ ном дорад.




***Расми № 6. Таркиби муқова***

Раванди тайёр кардани қисмати муқова (расми 7) чунин аст:

1. Аввал атрофи картонро дар самти дуртар аз боло бояд бурид. Нахи торҳо бо ҷойи шерозбандии блоки китоб ба ҳамдигар параллел (мувозӣ) бошанд. Андозаи баландии тарафҳои картони муқова баландии баста ва бари кунҷҳоро муайян мекунад. Барои сохтани кунҷҳо лозим аст, ки баландии тарафҳо 6-8 мм аз баландии блок зиёдтар бошад; дар ин ҳолат ҳаҷми кунҷҳо аз боло вобаста ба андоза ба поён ба 3-4 мм баробар аст. Бари тарафҳо бояд аз бари блок 1-2 мм камтар бошад, чунки кунҷҳои пеши муқоваи тайёр аз ҳисоби астарҳои дарида 5-6 мм ташкил меёбанд.

2. Аз маводи муқова ба самти дарозӣ шерози муқоваро қат мекунанд, ки бараш бояд на камтар аз 60 мм ғафстар аз ғафсии блок, ва дарозиаш 40 мм барои қат кардан зиёдӣ дошта бошад.

3 Астарро ба дарозӣ баробари тарафҳои картон ва ба бар баробари ғафсии блок мебуранд.

4. Ба шероз ширеш молида, онро ба болои миз ниҳода, дар миёнҷояш астар мегузоранд. Баъд аз тарафҳои чапу рости он картонро чунон мегузоранд, ки ба ҳамдигар мувозӣ ва буришҳои болоиву поёнӣ дар як хат бошанд. Ҳангоми часпондани шероз онро каме кашида, зер карда медоранд. Баъд тарафҳои астарро ба шероз зер карда, ҳамаашро якҷоя ба тарафи рӯя ба боло мегардонанд ва бо даст ҳамвор мекунанд. Дар ҳамин ҳолат муқоваро бо мақсади дарёфт ва рафъ намудани нуқсонҳо (каҷӣ, бесифат часпидан ва ғ.) ба блок чен кардан лозим аст.

5. Акнун шурӯъ мекунем ба часпондани коғаз ё матои омодашуда бар рӯи картон аз муқоваи қоғазӣ ё матои омодашуда. Маводи рӯкаш бояд чунон бурида шавад, ки он ҳангоми часпондан 10,15 мм ба шероз даромада, аз ҳамаи тарафҳо 15 мм гузарад.




***Расми № 7. Нақшаи равандҳои омода намудани як ҷузъи таркибии муқова***

Ширеши қаблан омодашударо ба яке аз тарафҳо чунон мемоланд, ки он ба тарафи буриши муқова мувозӣ хоб кунад. Бо даст ҳамвор карда, пок мекунанд. Тарафи дувумро хам намуда ба ҳамин тарз мечаспонанд, баъд онро ба тарафи дигар гардонда лабҳои матоъро таҳ мекунанд, гӯшаҳоро бурида, лабҳои матоъро ширеш мекунанд. Муқова омода мешавад ва онро барои хушкондан зери фишор мегузоранд.

***Часпондани блок ба муқова***

Блоки китобро ба муқова чунон мегузоранд, ки кунҷҳои шероз аз ҳар тараф якхела бошанд. Ба зери форзаси якум вараќи

коғази андозааш андак калонтарро мегузоранд, ба форзас ширеш молида, бо дасти чап аз шероз (расми 8) дошта, муқоваро бо дасти дигар фишор медиҳанд, то ин ки хуб часпад. Як вараќи дуқабата, ки варақҳои китобиро бо муқова пайваст мекунанд,онро ҳамвор кардан лозим аст. Ба ҳамин тарз ба форзаси дувум ширеш молида, тарафи дувуми пӯшаи муқоваро ба тарафи буриши пеши блок хуб кашида мечаспонанд. Баъд блокро ба пӯшаи китоб гузоштан, онро ҳарзамон ба зери фишор мегузоранд. Мақсади дар зери фишор гузоштани китоб қолаб гирифтани блок, хуб часпидани форзас ба сатҳи муқова ва пешгирӣ аз канда шудани муқова аст. То пурра хушк шудан китоб зери фишор меистад.



***Расми №8. Бо ширеш часпондани блок ба муқова***

Баъд аз хушконидан китобро аз зери исканҷа берун оварда ва накушода, дар баробари муқова пахш карда, дар ҷойи шерозбандии китоб, ки атрофи картон ширеш карда шудааст, мегузорем (расми №9). Ин тарз ба нигоҳ доштани шакли шероз ва ба осонӣ кушодани китоб кӯмак мекунад.



***Расми №9. Дур карда бурдани матои пилтадор, рахдор***

**1.2. Усули нодӯхта (бо ширеш) муқова кардани китоб**

Вақтҳои охир бо усули нодӯхта (бо ширеш) часпондани блок ба муқоваи коғазӣ васеъ паҳн гаштааст. Дар сурати истифодаи зиёд беш аз нисфи ингуна китобҳо таъмирталаб мешаванд. Осебҳои маъмулии ин гуна китобҳо бештар ин навъанд: кушода шудани блок, канда шудани варақҳо, ҷудо шудани блок аз муқова.

Бо се намуд китобро бе дӯхтан ба муқова метавон часпонд. Ҳар яке аз онҳоро муфассал дида мебароем.

1.Нодӯхта (ширеш) часпондан, яъне ба ҳам часпондани ҳамаи варақҳои блок бо ширеш, на ба тарзи дӯхтан бо ришта.

Аввал эҳтиёткорона муқоваро ҷудо намуда, китобро ба варақҳо ҷудо мекунанд. Сипас қисмати шерозро аз ширеш тоза менамоянд. Тамоми варақҳоро тармим мекунанд (*нигаред ба расми №9*). Блоки китобро дар ноиб (тиски) чунон мегузоранд, ки қисмати шерози он 3-4 мм аз лабҳои тахтаҳо гузарад ва бо дарафш ба умқи 3-4 мм чанд сӯрох мекунанд (тақрибан дар ҳар 15-20 мм). Ин сӯрохиҳоро бо ширеш пур мекунанд. Барои маҳкамтар часпидани варақҳои китоб метавон дар умқи сӯроххо риштаи наххояш кушодаи ғафсиаш тақрибан 2 мм гузошт. Бори дигар ба сӯрохиҳо ва шероз ширеш молида, блокро ба дастгоҳи хушккунӣ мегузоранд. Ширеш набояд байни атрофи варақҳо зиёд ба дарун равад, то шерозро пурра пӯшонад.

Блоки хушкшудаҷо аз зери фишор берун оварда, нӯки риштаҳоро бурида ба ду варақ қоғази сахт, ки муқоваро бо дастаи саҳифаҳои китоб мечаспонад, ширеш мекунанд. Форзасро дар ин усули муқовабандӣ ба тарзи одӣ мечаспонем, яъне варақи ҳамворкардашударо як қат карда ба дарозии ҷои қати варақи якуму дувуми блоки китоб ба бари 3-4 мм ширеш мемоланд. Баъд аз ширеш кардани шероз ва ба он часпондани матоъ (коғаз) блок мустаҳкам мешавад, ҳарчанд он қадар хуб кушода намешавад. Муқоваро низ монанди тарзи часпондани дӯхт тайёр карда, блокро ба он мегузорем. Пас ҷиҳаки пахтагин ё абрешиминро метавон часпонд.

**2. Усули дӯхта**

Барои бо ин усул дӯхтани муқова дафтарро аз авроқи алоҳида тайёр кардан лозим аст. Барои ин дар мобайни ҷойи шерозбандии китоб афзун намудани майдони ҳошия зарур аст. Форзасро омода мекунем, блоки китобро медӯзем, муқова ва шерозро омода карда, блокро ба муқова мегузорем.

**3. Усули техникӣ (бо сӯрох кардан)**

Усули сӯроxкунӣ дар часпондани варақҳо дар сурате корбаст мешавад, ки агар нашрия дар қисмати шерози варақ ҳошияи васеъ дошта бошад. Дар фосилаи 5-10 мм аз шероз, вобаста ба андозаи

бари ҳошия, бо дарафш (пармаи барқӣ) сӯроххоро (тақрибан 20-30 мм) омода мекунанд. Блокро бо риштаҳои маҳкам аз ин сӯроххо медӯзанд. Тартиби ҳаракати ришта: аз сӯроххо 3-то ба поён, 2-то ба боло, 1-то ба поён, 2-то ба боло, 4-то ба поён, 5-то ба боло, 4-то ба поён 3-то ба боло. Нӯки риштаҳоро чунон гиреҳ мекунанд, ки риштае, ки аз сӯрохии 2 ва 4 мегузарад, дар байни онҳо қарор гирад.

Блок тайёр шуд, мегузараем ба тайёр кардани муқова. Он аз ду рӯя- астари мустақим, ду лӯла ва матои рӯкаш иборат аст.

Аввал тарафҳоро мебурем. Баландии онҳо бояд 6-7 мм калонтар ва барашон 1-2 мм камтар аз блок бошад. Астар ба бари блок бурида мешавад. Лӯлаҳо аз тарафҳо бурида мешаванд, ки барашон тақрибан ба 10-11 мм баробар мебошад. Матоъ (бумвинил) барои шероз барои муқоваи таркибӣ дарозиаш баробари баландии тарафҳои картон бо изофаи 5-6 мм, бараш баробари ғафсии блок ба изофаи 6-8 мм, вобаста ба андозаи китоб, бурида мешавад. Матои рӯкаш дарозиаш баробари тарафҳои картонҳо ба изофаи 5-6 мм, вобаста ба андозаи китоб, бараш баробари бари тарафҳои картон ба изофаи 2-3 мм мебошад. Пас блокро ба дохили муқова мегузорем.

**4. Китоб-китобча**

Ба ҷузъҳо ҷудо кардани китоб. Баррасии ҳамаи варақҳои китоб ва дар сурати зарурӣ таъмири онҳо. Форзасро омода мекунем. Дарозиаш баробари баландии китобча, бараш ду баробари бари китобча ва ба изофаи андозаи ғафсии он. Барои форзас як пораи матои дарозиаш баробари баландии китобча ва бараш 5-6 мм лозим аст. Китобчаро аз рахи қаташ бо форзас медӯзем. Пас ба муқоваи омодашуда мегузорем. Китоб омода шуд. Дарозиаш ва баландии бараш ду баробар афзалтар аз ғафсии китобча мебошад. Барои ду варақ қоғази сахт ба дарозии рахи аз матои пахтагини 5-6 мм, дар паҳнои ва баландӣ баробари китобча лозим аст, медӯзем. Ҷойи қаткардаи китобчаро ба ду варақ қоғази сахт, якҷоя медӯзем, муқоваро омода намуда ба блок мегузорем, китоб тайёр мегардад.

***Тартиби иҷрои ҳар як раванди амалиёт дар ҷадвали №1 инъикос шудааст***

| Раванд | Тарз (равиш) | | |
|---|---|---|---|
| | **Ширешдор** | **Дӯхтан** | **Ҷузъбандӣ (шерозабандӣ) кардан** |
| 1.Ба ҷузъҳо ҷудо кардани китобҳо | Ҷудо намудани варақҳо, тоза кардан аз ширеш. Аз назар гузаронидани варақҳо, ва ширеш кардан. | Ҷудо намудани блок аз муқова. Ба дафтарҳо ҷудо кардани блок. Тоза кардани шерози дафтар-ҳо. Аз назар гузаронидани варақҳо, ва ширеш кардан. | Ҷудо намудани муқова аз варақҳои ҷузъбандишуда. Аз назар гузаронидани варақҳо, ва ширеш кардани онҳо. |
| 2.Тайёр кардани блоки китоб | Интихоб намуди муқова(ширешӣ, дӯхташаванда, техникӣ) ва омода намудани форзас. Дӯхтан ё ширеш кардани блоки китоб | Интихоб ва омода намудани форзас. Дӯх-тани блоки китоб | Омода намудани форзас. Дӯхтани блок |
| 3. Коркарди блоки китоб баъди дӯхтан | Ширеш кардани шерози блок. Буридани кунҷҳои блок (агар лозим бошад). Ширеш кардани унсурҳои ороиши киоб(ҷиҳакӣ пахтагин ё абрешимин). | Ширеш кардани шерози блок. Буридани кунҷҳои блок (агар лозим бошад). Шакли давра додани шероз. Ширеш кардани | Буридани кунҷҳҳои блок (агар лозим бошад). |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Ба шероз часпондани дока. Хушкондани блок. | унсурҳои ороиши китоб (ҷиҳакӣ пахтагин ё абрешимин). Ба шероз часпонда-ни дока. Хушкондани блок. | |
| 4. Омода намудани пӯшаи му-қова | Омода намудани муқова вобаста ба интихоби муқова (бо 2 тарз). | Омода намудани муқова. | |
| 5. Часпондани блок ба пӯшаи муқова | Часпондани блоки китоб ба муқова.<br>Даровардани блоки китоб ба муқова.<br>Зери дастгоҳи фишор гузоштани китоби тайёр.<br>Кашидани рахи чуқури дандонадор.<br>Аз назар гузаронидани китоби омодашуда. | | |

**Китоб ва унсурҳои он**

| Унсурҳои берунаи китоб | Унсурҳои дохилаи китоб |
|---|---|
| Блоки китобӣ | Варақаи титулӣ |
| Муқова | Авантитул (Варақаи аввали китоб, ки дар рӯи он номи нависанда, номи асар, сол ва ҷои нашри он навишта мешавад). |
| Ҷойи шерозабандии китоб | Колонсифра (нишондоди рақами тартибии саҳофии китоб). |
| Муқовакунӣ, муқовабандӣ | Матни китоб |
| Ду вараќи сахт, ки варақҳои китобро бо муқова пайваст мекунад | Боб (қисми китоб) |
| Болопӯши китоб | Абзатс, сарсатр, сатри сурх, (фосила, ҷои холӣ пеш аз сар шудани матн, порчаи матни дастнавис ё чопӣ аз як сатри сурх то сатри сурхи |

| | |
|---|---|
| | дигар). |
| Муқоваи китоб | Расм, сурат, тасвир |
| Ҷилди (ғилофи) китоб | Фронтиспис (расме, ки пеш аз саҳифаи унвонии китоб ҷой дорад). |

## 1. Мавод барои корҳои муқовабандӣ

**Қоғаз -** маводи асосии кори муқовабандӣ, барои омода сохтани форзас, ки муқоваро бо баста мечаспонад, рахи қогази сахти доирашакл, варақҳои канда ва ҷудошудаи китоб ва барои рӯпӯш кардани муқова ширеш карда истифода бурда мешавад.

**Картон** - барои ҳар ду тарафи китоб истифода бурда мешавад.

**Ришта** - барои дӯхтани блоки китоб (риштаи - № 10) лозим аст.

**Ширеши муқовабандӣ** - барои омода сохтани муқова, матоъ ва ширеш намудани блоки китоб (ширеши ПВА) лозим аст.

**Докаҳои чоп** - аввал барои корбурд ширеш истифода бурда мешавад.

**Фальц -** пораи матои муқова, ки ба он варақҳо васл мешаванд.

## 2.Асбобҳои зарурӣ

**Ноиби чӯбин (Тиски)** барои баробар бастани блоки китоб истифода мешавад.

**Сӯзанҳо** - барои дӯхтани блоки китоб.

**Молаи (Кисти) андозаҳои гуногун** – барои молидани ширеш бар болои варақ ё мавод.

**Линейка – Ҷадвал** хате, ки ба атрофи сафҳаи китобатшуда кашида мешавад.

**Молоток – Болғача** барои коркарди қатъи китоб.

**Ножница – Қайчӣ** асбоби фузулӣ буда, барои буриши қоғазҳо, муқова ва чарм истифода мешавад.

**Ножовка – Дастарра** барои арра кардани ҳошия дар пораи матои муқова, ки ба он варақҳо васл мешаванд.

**Переплетная косточка -** Саҳҳофии сангин барои ҳамворкунии пуштаки матоҳои саҳҳофии рах-рахдори китоби тайёр хизмат мекунад.

**Переплетные ножи - Корди саҳҳофӣ** барои буридани картон, варақ ва мавод истифода бурда мешавад.

**Пресс обжимной - Фишурдан-пресс, исканҷакунӣ, б**арои фишор додани атрофии блоки китоб бо мақсади паст кардани ғафсӣ ва қолиб додани он: барои бо вазн бо ширеш часпондани форзас, ки барои муқоваро бо блок мечаспонад, хизмат мекунад.

**Книжный блок -** Блоки китоб, дафтар ва ё варақҳои дигар ҷузҳои нашри қисмҳои ояндаи китоб дар саҳҳофӣ баробар гузошта дар як навбати муайян (шерозбандӣ) мегардад. Блоки китоб омода намудани қисмҳои тайёр ва томи китоб мебошад.

## АДАБИЁТ НИСБАТИ МАВЗӮЪ


**Ба забони тоҷикӣ**

Кароматуллоева, Н. Ҳунари саҳҳофӣ дар асрҳои XIV-XV [Матн]: Маводҳо аз таърихи китоб // Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1973. – 141 с

Китоб [Матн]: Дар бораи мафҳуми китоб // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1984. – Ҷ. 3. - С. 974 - 982.

Китобдор: Маҷаллаи фарҳангӣ - маърифатӣ. – Душанбе: Эчод, 2008. - №1(3) . –март - С.2.

Назарзода, С. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ / Зери назари М. Шукуров. – Душанбе: Симурғ, 1993. – 121 с.

Ҷӯраев И.А. Луғати русӣ-тоҷикӣ китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ / Муҳаррири масъул Қ.Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 248 с.

Ҷӯраев, И.А. Луғати русӣ - тоҷикии терминологияи китобдорӣ ва китобшиносӣ / Муҳаррирони масъул Н. Шарофов, Р. Шарофов.- Душанбе: Ирфон, 1974. – 78 с.

**Ба забони русӣ**

Верига, В. Переплетное дело и реставрация книг / В. Верига. – Ростов-на-Дону: Феникс, 2000. – 320 с . – Серия «Для дома и заработка».

Джонсон, А. Практическое руководство по переплетному делу / А. Джонсон; пер. с англ. И. М. Паперно. – М.: Книга, 1989. – 100, [4] с.

Ефимов, В. В. Переплетная мастерская в школе и дома / В. В. Ефимов. – Киев: Радянська школа, 1979. – 96 с.: ил.

Ирошников, Ю. П. Переплет и реставрация книг в домашних условиях / Ю. П. Ирошников, И. Г. Ирошникова. – М.: Книга, 1991. – 125 с.: ил.

Консервация и реставрация книг: методические рекомендации / сост.: В. И. Стеблевский, Н. К. Николаева. – М.: ВГБИЛ, 1987. – 210 с.

Кривонос, В. Ф. Уход за книгами / В. Ф. Кривонос. – Алма-Ата: Казахстан, 1988. – 64 с.

Мазок, Н. Н. Книга должна жить долго / Н. Н. Мазок. – М.: Книга, 1985. – 223 с.: ил.

Мазок, Н. Н. Кружок переплетного дела: пособие для руководителей кружков школьных и внешкольных учреждений / Н. Н. Мазок. – 3-е изд., перераб. – М.: Просвещение, 1987. – 112 с.: ил.

Основные технологические процессы реставрации документов: учеб. пособие / Санкт-Петербург. Международ. Центр культур. наследия; РНБ; [сост.: С. А. Добрусина [и др.] ; под ред. Э. Г. Вершининой; фот. В . М. Фоминой] . – СПб. : Рос . нац . б-ка, 2002. – 65 с.: ил.

Павлов, И. П. Ручной переплет: практическое пособие / И. П. Павлов. – М.: Высш. шк., 1993. – 160 с.: ил.

Русско - таджикский словарь / Под . ред . М. С. Асимова. – М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.

Тимаев, Р. Домашний переплетчик: практическое руководство к переплетному мастерству для самообучения / Р. Тимаев, В. Федоров. – М.: Молодая гвардия, 1994. – 64 с .

**Замимаи 1.**

## Намунаи маводи чопии фарсуда






**Замимаи 2.**

## ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТИ
## (русӣ-тоҷикӣ)

**Бумвинил** - Қабати қоғази матои муқовабандӣ

**Бесшвейное скрепление книги** - Нодӯхта часпондани китобҳо

**Блоковая колонцифра** - Рақамҳои паҳлӯӣ (ин раҳҳо дар китоб аз тарафи чап гузошта шуда , қисмҳо, бобҳо, саҳифаҳоро муайян мекунанд)

**Боковой обрез** - Бурриши паҳлуӣ

**Боковой поле** - Ҳошияи паҳлуӣ

**Боковые выноски** - Эзоҳ, ҳошияҳои китоб

**Брошюра** – Китобча

**Брошюровка** – Ҷузъбандӣ як навъ дӯхти хуби китоб, ки варақҳои китоб ба осонӣ кушода мешавад

**Вклеить** - Ширеш кардан

**Вклейка** - Варақи ба китоб иловашуда

**Внешнее поле (страницы)** - Ҳошияи берунӣ (саҳифа)

**Внутреннее поле** - Ҳошияи дохилӣ (китоб)

**В обложке** - Дар муқова, муқовадор

**В переплете** - Муқовадор (дар муқова)

**В плотной обложке** - Дар ҷилди ғафс

**Гибкий переплет** - Муқоваи мулоим, чандир, қаиш

**Гранитолевый переплет** - Муқоваи гранитолӣ (матоӣ, лидеринӣ)

**Двухсторонний колонтитул** - Колонтитул (унвони саҳифа) дутарафа (дурӯя)

**Дрель** – Парма (барои сӯрох намудани китобҳо)

**Железная скоба -** Кӯки симин

**Заклейка текста** - Часпонидани матн

**Изготовление переплетная крышка-** Омода намудани рӯпӯши муқова – амалиёти ба тарзи дастӣ часпондани ду тарафи картон ба рӯпӯши муқова

**Кант -** Пайвастани варақҳои китоб дар шероз.Шероз китобро аз ифлосшавӣ пешгирӣ карда, барои осонтар кушода шудани китоб ва китобча хизмат мекунад.

**Кантовка (сложенная вдвое полоска для оклейки)** - Ҳошиябандӣ

**Канты** – Кунҷҳо, ҳошияҳо **-** мағзӣ, канори пӯшаи муқова ё ҷилд, блоки китобро аз вайроншавии механикӣ муҳофизат мекунад.

**Каптал книги** - Шерози китоб, бофти махсуси сари ҷузъҳои вараҷи китоб буда, бо абрешим ва ё ресмони ранга дуруст карда мешавад, то ки варақҳо беҷо нашаванду канораи ҷилд зебоии хосе пайдо намояд

**Каптал** – Тасма барои блоки китоб, тасма (ҷиҳаки пахтагин ё абрешимин, паҳноиаш то 1 см., барои ороиши китоб истифода бурда мешавад)

**Картонный переплет** - Муқоваи картонӣ

**Кашированный корешок** - Дӯхта, шерозбандӣ, шерозбандии китоб

**Клапаны суперобложки** - Сарпӯшакҳои рӯи муқова

**Клеевая краска** - Ранги омехта бо ширеш

**Книжный переплёт** - Муқоваи китоб

**Кожаный переплет** - Муқоваи чармин

**Кожимитовый переплет** - Муқоваи кожимитӣ (намуди чарми сунъӣ)

**Коленкор -** Матои пахтагини рангаи ба маҳлули крахмал таркарда ва бо рангҳо пуркардашуда

**Коленкоровый переплет** - Муқоваи коленкорӣ

**Корешковая бумага** - Қоғази шерозбандии (китоб ё дафтар)

**Корешковое заглавие** - Сарлавҳаи муқовагӣ

**Корешок книг** - Шерози китоб

**Корешок книжного блока** - Ҷои ҳошиябандии блоки китоб

**Корешковое поле** - Ҷои ҳошия (думуқова)

**Кромка** – Ҳошия ончи бидуни матн навишта шудааст. Гоҳ ҳошия сафед ва гоҳ ташъиршуда мебошад. Шарҳро, ки дар канораи рисола ё китоб менависанд, низ ҳошия меноманд

**Крышка переплета** - Рӯи муқова

**Ледерин** - Ледерин (намуди чарми сунъӣ, ки барои муқоваи китоб истифода мешавад)

**Ледериновая обложка** - Муқоваи (ҷилди) ледеринӣ

**Ледериново - бумажный переплет** - Муқоваи ледернинӣ-коғазӣ

**Ледериновый переплет** - Муқоваи ледеринӣ

**Лента бумажная** -Лентаи қоғазин

**Ленточная расстановка** - Ҷобаҷогузории тасмашакл

**Линованная бумага** - Қоғази рахдор

**Линовать -** Хат кашидан, рах баровардан

**Линовка** - Хаткашӣ, рахбарорӣ, рах-рахкунӣ

**Лист** -Варақ

**Лист бумаги** - Варақи қоқаз

**Лист бумажный** - Варақи қоғазин

**Листах, (скрепленных переплетом)** - Феҳристи варақӣ (варақҳои ҷудогонаи коғаз, ки ба муқова часпонида шудаанд)

**Листы книги -** Варақҳои китоб

**Листы чистые** - Варақҳои тоза (гузоштани варақҳои холӣ дар китоб)

**Лицевая книга** - Рӯи китоб

**Лицевая сторона листа** - Рӯи варақ

**Манжетка книги** - Манжеткаи (мағзи)-и китоб

**Марля полиграфическая** - Докаҳои матои пахтагини полиграфӣ бо рӯпуши апперетии муқовабандии нодир

**Марокеновый переплет -** Муқоваи марокенӣ, чарми бузӣ, ки барои муқоваи китоб кор мефармоянд

**Мягкое изображение -** Тасвири нозук (дар муқоваи китоб)

**Мягкий переплет** - Муқоваи нарм (мулоим)

**Напильник** – Сӯҳон, асбобест барои суфта кардани муқавво

**Нитка -** Ришта, ресмон, нах, тор

**Обертка, супер обложка -** Ҷилди қоғазини муқоваи китоб, рӯкаши муқова

**Обложка книги** – Астари китоб, варақе ки ба муқова часпонида мешавад

**Обклеить -** Часпондан

**Облицовка книг -** Рӯйкашкунӣ (муқовабандии) китобҳо

**Обложечная бумага -** Қоғази муқовагӣ

**Обложечная иллюстратция -** Ороишҳои муқовагӣ

**Обложечное заглавие -** Сарлавҳаи муқова

**Обложка -** Муқова

**Обложка книги** - Муқоваи китоб

**Обратная сторона листа** - Пушти варақ (маълумотҳои пушти варақ)

**Обрез -** Канори блоки китоб, онро метавон бо зеварҳои махсус тилло, ё расмҳо оро дод

**Обрез (книг)** - Тироз, зеҳ, шерози (китобҳо)

**Обрезнное поле (страницы)** - Ҳошияи саҳифаи буридашуда

**Обрезка книги** - Буриши (буридани) китоб

**Обрезка книжных блоков** - Буридани блоки китобӣ

**Обрезок нити** - Нӯги ришта

**Обрезы книги** - Шерозҳои китоб

**Обрисовать** - Ҳошия кашидан

**Основные штрихи** - Рамзҳои (рах - раҳҳои) асосӣ

**Бесшвейное скрепление книги -** Рахи қогази сахти доирашакл дар ҷойи шерозбандӣ блоки китоб ё картон наканда мустақим ба дарун мечаспонанд

**Пеньковый** - Канабӣ

**Переплет** - Муқовакунӣ, муқовабандӣ, ҷилдкунӣ, саҳҳофӣ

**Переплета, книг** - Вароқи китоб ё муқова

**Переплетная крышка -** Пӯшаи муқова

**Пресс -** Исканҷа-асбоби чӯбинест, ки ба ду лаби он оҳан часпонда шудааст. Китобро дар байни он монда, гӯшакҳояшро тоб дода, фишор медиҳанд ва лаби китобро бо корди махсус (каҷкорд) мебуранд.

**Прессовать -** Зери фишор гузоштан ба хотири беҳтар часпидан ва қолаб гирифтани китоб, исканҷакунӣ

**Приклеить -** Часпондан

**Проклейка -** Ширешкунӣ

**Проклеить** - Ширеш (елим) кардан

**Пропилыть -** Арра кардан, бо арра буридан

**Прошивать шнуром -** Сӯрох кардан, ресмон гузаронидан

**Процессы брошюровочные** - Равандҳои ҷузъбандӣ

**Процессы переплетные** - Равандҳои муқовабандӣ

**Прямой корешок** - Муқоваи ҳамвори рост

**Приклеить, расклейка** - Часпонидан

**Разборка книг** - Ба тартиб даровардани китобҳо, озод кардани дафтарҳо аз муқовабандии аввал ва аз нав омода намудан онҳо ба саҳҳофии такрорӣ

**Разрезка** - Буриш, бурида ҷудо кардан

**Раскол книги -** Ба қисмҳо ҷудокунии китобҳо

**Расстав -** Масофа байни картонҳо ва атрофи он

**Расклеить** - Часпонидан, ҷудо кардан

**Реставрация -** Таъмир, таъмиргарӣ, аз нав барқарор кардани сохти китоб

**Рубчатый** - Пилтадор, рахдор

**Сверстать книгу** - Саҳифабандии китоб

**Слезура -** Рахе аз матои пахтагин, ки ба андозаи 3-4 мм дар паҳноӣ ва ба баландии қатъи дарозии блоки китоб баробар аст

**Составной переплет** - Муқоваи таркибӣ

**Срезанное поле** - Ҳошияи буридагии (китобҳо)

**Сфальцевать -** Ҷузъбандӣ кардан

**Форзац** – Як вароқи дуқабата, ки вароқҳои китобро бо муқова пайваст мекунанд

**Шила** - Дарафш асбоби нӯгтези оҳанӣ, ки бо он қисми поёнии китобро сӯрох карда медӯзанд

**Ширина** - Бар, паҳноӣ

**Ширина линии** - Паҳноии рах (хат)
**Шифр** – Рамз, шифр, туғро
**Шифрование** – Рамз кардан
**Шнур** - Ришта, ресмон, таноб,
**Шнурование** – Ресмонбандӣ, риштабандӣ
**Штрих** – Хат, рах, рах - рах
**Штриховка оклад** - Рӯпӯши муқова (ин қабил рӯпӯшҳои қиматбаҳоро аксар дар китобҳои дини қадим дидан мункин аст)
**Щель** – Равзан, сӯрох, шикоф, рахна, чок, дарз, роғ
**Элемент** – Унсур, қисм, ҷузъ, элемент
**Элементы** – Унсурҳо, ҷузъиёт, қисмҳо

# М У Н Д А Р И Ҷ А

Пешгуфтор……………………………………………………………3

Китоб ва қисмҳои он……………………………………………..5

Муқовабандии дастӣ……,……………………………………...6

Тартиби иҷрои ҳар як раванди амалиёт дар ҷадвали № 1 инъикос шудааст…………………………………………………….22

Адабиёт оид ба мавзӯъ..........................................................25

Замимаи 1. Намунаи маводи чопии фарсуда (китобу маҷаллаҳо)...............................................................................26

Замимаи 2. Луғати истилоҳоти русӣ - тоҷикӣ ……………… 27

**ОСНОВЫ РУЧНОЙ ТЕХНОЛОГИИ ПЕРЕПЛЕТА И РЕСТАВРАЦИИ КНИГ – ДОКУМЕНТОВ**

**Методическое пособие для библиотекарей**

**На таджикском языке**

К 85-летию со дня образования
Национальной библиотеки Таджикистана

Под редакции доктора педагогических наук,
профессора
**Абдусалома Мирализаде**

Составитель: **Махмашариф Каримов**
Автор предисловия: **Фирдавс Аминов**
Редактор: **Хайдарали Аюбов**
Технический редактор: **Джурабой Раджабов**

